# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи диссертатсионии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқот ба он асоснок карда мешавад, ки раванди ташаккулёбии вазъи ҳуқуқии шахс марҳалаҳои гуногуни таърихиро паси сар намудааст. Дар аввал бо дарназардошти арзишҳои патриархалии ҷомеаи ибтидоӣ шахсият ва мавқеи ӯ дар ҷомеа ҳукмфармо буданд, зери таъсири падидаи «ҳуқуқи меҳмоннавозӣ» аввалан табиати хусусӣ-ҳуқуқӣ ва баъдан табиати оммавӣ-ҳуқуқӣ ташаккул ёфт, ки объекти танзими ҳуқуқии шартномаҳои байналмилалии байни давлатҳои мансубу иқомати хориҷиён гашт.

Мавриди зикр аст, ки объекти танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар соҳаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муносибатҳои ҷамъиятии дорои хусусияти маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии маданӣ мебошанд, ки дар онҳо унсури хориҷӣ мавҷуд аст. Яке вазифаҳои асосии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ танзими ин муносибатҳо бо мақсади фароҳам овардани фазои ягонаи ҳуқуқи барои риояи ҳуқуқу озодиҳои шахсони воқеӣ мебошад.

Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар қонунгузории миллӣ бо маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқие танзим мегардад, ки қувваи ҳуқуқии гуногун доранд. Ҳуқуқҳои шахсони воқеии хориҷӣ, бо меъёрҳои соҳаҳои мушаххаси ҳуқуқи дохилӣ танзим гардида, қоидаҳои қонунгузории дохилӣ пешниҳод намудани ҳуқуқҳоро ба хориҷиён муқаррар мекунанд, додани чунин ҳуқуқҳоро рад мекунанд ё масъалаҳои дигари марбутаро танзим мекунанд.

Дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои коллизионии ягона барои танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо иштироки шахсони воқеии хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва гурезаҳо пешбинӣ нагардидаанд. Меъёрҳои мавҷуда принсипҳои умумии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ муайян мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ на танҳо қоидаҳоеро, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдории маданӣ ва қобилияти амалкунии шаҳрвандони хориҷӣ, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи муаллифӣ ва дигар ҳуқуққҳои хориҷиёнро муайян мекунанд, инчунин меъёрҳои коллизионие, ки татбиқи ҳуқуқи давлатро вобаста ба он танзим мекунанд, дар бар мегирад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз масъалаи танзими вазъи ҳуқуии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури

хориҷӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ ва амалӣ қарор дода нашудааст, ки баррасии ҳамаҷонибаи мавзӯи мазкур ба пешрафти назария ва амалияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Бинобар ин, мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд муҳим буда, пажуҳиши сариваќтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2018 бо ихтисоси ҳуқуқшйносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба ҳол фаъолият намуда истодааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд аз муқаддима, 3 боб 8 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба амали натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаҳои омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Масъалаҳои муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ»** бахшида шуда, муаллиф дар он масъалаҳои асосии ҳуқуқии танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ, инчунин қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ ба таври пурра омӯхта шуда, асосҳои ҳуқуқии онҳо муайян гардидааст.

Масъалаҳои муайян кардани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Масъалаи субъекти ҳуқуқӣ ва мақоми ҳуқуқии шахсони воқеӣ ҳамчун субъектҳои муносибатҳои хусусии байналмиллалӣ дар асри XX дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ аҳамиятнок гардид. Дар асри рушди техника, дар шароити боз ҳам пайвастани муносибатҳои иктисодию маданӣ, вақте ки кирдорҳои дар дохили як давлат содиршуда дар дигар давлатҳо оқибатҳои ҳуқуқиро оварда метавонанд ва торафт бештар шаҳрвандон ба муносибатҳои ҷамъияти бо унсури хориҷӣ дохил мешаванд таҳлили мушкилоти танзимӣ коллизионӣ ва омӯзиши масъалаҳои ҳуқуқи байналмиллаӣ хусусӣ аҳамиятнок мегарданд.

Боби дуюми диссертатсия ба унвони **«Масоили танзими коллизионӣ - ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ»** бахшида шуда, масъалаи қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ ва масъалаҳои танзими бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ фаро мегирад. Дар ин боб муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити таърихӣ бедарак ғоибшуда эътироф намудани

шахси воқеӣ ё фавтида эълон кардани ӯ роҳи душвори инкишофро паси сар намудааст. Омӯзиши вижагиҳои ташаккули ин ниҳод дар кишварҳои мухталиф чунин мавқеъро асоснок мекунад, ки бо мақсади пешгирӣ аз номуайянии ҳуқуқии шахси вокеие, ки муддати тӯлонӣ ҳузур надоштааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишварҳои гуногун барои чунин шахсон таъсиси мақоми махсусро пешбинӣ кардаанд. Бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф намудан, ки дар суд тасдиқ мешавад, боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Дар Тоҷикистон ғайри қобили амал ё маҳдуд намудани қобилияти амалкунии шаҳрвандро қонун танзим мекунад. Суд метавонад шахсро ғайри қобили амал эълон кунад, ки агар вай бинобар бемории равонӣ рафтори худро дарк карда натавонад ва аз номи ӯ васӣ таъйин кунад. Инчунин, суд ҳуқуқ дорад, қобилияти ҳуқуқии шахсро маҳдуд кунад, агар бо сӯиистеъмоли машрубот ё маводи мухаддир вазъи молиявии оилаи худро бад кунад. Шаҳрванди дорои қобилияти ҳуқуқии махдуд метавонад муомилоти хурди рӯзмарра анҷом диҳад, аммо барои амалҳои муҳимтар (ихтиёрдории даромад, муомилоти калон) розигии васӣ лозим аст. Дар айни замон вай барои кирдораш ва зарари расондааш танҳо ҷавобгар аст. Аз таҳлили масъалаи мазкур ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки дар сурати агар шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд ба таври доимӣ ё асосан дар қаламрави Тоҷикистон иқомат дошта бошад ва бедарак ғоиб шуда бошад, бедарак ғоиб донистани онҳо ё фавтида эълон кардани онҳо дар қаламрави Тоҷикистон тибқи қонунгузории миллии Тоҷикистон танзим карда мешавад. Шахс метавонад аз ҷониби суд бедарак ғоиб эътироф карда шавад. Шахси воқеӣ тибқи асосҳои пешбининамудаи модда фавтида эътироф карда мешавад.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ - **«Махсусиятҳои танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои хусусӣ бо унсури хориҷӣ мураккабгашта»** унвон дорад. Вобаста ба ин дар боби мазкур масоили танзими коллизионӣ-ҳукуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросию оливӣ, инчунин вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меҳнатии дорои унсури хориҷӣ ва вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои мурофиавии маданӣ бо унсури хориҷӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст. Хсусиятҳои танзими коллизионии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои алоҳидаи хусусӣ бо унсури хориҷӣ мураккабгашта таҳлил ва баррасӣ гардидааст. Ҳамин тариқ, ҳуқуқи интихоби озоди маҳалли зист дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шудааст ва мазмунаш дар ҳуқуқи шаҳрванд ҷиҳати озодона интихоб намудани маҳалли зист ифода меёбад, вале он дар доира ва бо риояи қонунгузории амалкунанда татбиқ карда мешавад. Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, ба талаботи тартиб иқтибосоварӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ҷавобгу мебошад.

Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз лиҳози илмӣ асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявию амалӣ ва таҳлилӣ тасдиқ шудаанд. Мазмуни асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии интишорёфта ва маърӯзаҳои муаллиф дар конфронсҳои илмии сатҳҳои гуногун таҷасум ёфтааст.

Хулоса, диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеи дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент ректори Донишкадаи омӯзгории
Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Раҷабзода М.Н.

Суроға: 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Рашт, шаҳраки Ғарм, кучаи Э. Муҳиддин 63,
E-mail: rajabov.m.1973@mail.ru
Тел: 992) 902887044, Факс: (8) 313112103,
Сомонаи расмӣ: www.dotr.tj

Имзои Раҷабзода М.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДОТ дар н. Рашт Шодизода Н.М.
«20.» 01. 2026 с

Суроға: 735450, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Рашт, шаҳраки Ғарм, кучаи Э. Муҳиддин 63,
E-mail: dot.rahst@ mail.ru, Тел: (8) 313121,
Факс: (8) 313112103, Сомонаи расмӣ: www.dotr.tj